Конститутсия - кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун

# САДОИ МАРДУМ

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | № 48 (4788) | ЧОРШАНБЕ, 17 АПРЕЛИ СОЛИ 2024 | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад



## ФАРМОНИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи аз вазифаи раиси шаҳри Ҳисор озод намудани Қосим Роҳбар**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

Қосим Роҳбар аз вазифаи раиси шаҳри Ҳисор озод карда шавад.

**Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 15 апрели соли 2024, № 805**

## ФАРМОНИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи аз вазифаи раиси ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе озод намудани Билол И.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

Билол Иброҳим бо сабаби ба кори дигар гузаштан аз вазифаи раиси ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе озод карда шавад.

**Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 15 апрели соли 2024, № 806**

## ФАРМОНИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи иҷрокунандаи вазифаи раиси ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе таъйин намудани Олимзода С.М.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

Олимзода Сафар Маҳмадшо иҷрокунандаи вазифаи раиси ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе таъйин карда шавад.

**Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 15 апрели соли 2024, № 807**

## ФАРМОНИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи иҷрокунандаи вазифаи раиси шаҳри Ҳисор таъйин намудани Носирзода Ҷаббор**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

Носирзода Ҷаббор иҷрокунандаи вазифаи раиси шаҳри Ҳисор таъйин карда шавад.

**Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 15 апрели соли 2024, № 808**

## ҚАРОРИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 15 апрели соли 2024, № 212, ш. Душанбе**
**Дар бораи аз вазифаи муовини якуми вазири кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон озод намудани Носирзода Ҷаббор**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Носирзода Ҷаббор бо сабаби ба кори дигар гузаштан аз вазифаи муовини якуми вазири кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон озод карда шавад.

**Раиси Ҳукумати**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

## ҚАРОРИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 15 апрели соли 2024, № 213, ш. Душанбе**
**Дар бораи аз вазифаи муовини директори Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон озод намудани Наимӣ А.Қ.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад**:

Наимӣ Аъламхон Қодириён бо сабаби ба кори дигар гузаштан аз вазифаи муовини директори Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон озод карда шавад.

**Раиси Ҳукумати**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

## ҚАРОРИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 15 апрели соли 2024, № 214, ш. Душанбе**
**Дар бораи сардори Хадамоти зиддиинҳисории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъйин намудани Раҳмон И.Х.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Раҳмон Исломиддин Хайриддин сардори Хадамоти зиддиинҳисории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъйин карда шавад.

**Раиси Ҳукумати**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

## ҚАРОРИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 15 апрели соли 2024, № 215, ш. Душанбе**
**Дар бораи ректори Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи технологии Тоҷикистон» таъйин намудани Раҳмонзода З.Ф.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Раҳмонзода Зоир Файзалӣ ректори Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи технологии Тоҷикистон» таъйин карда шавад.

**Раиси Ҳукумати**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

## ҚАРОРИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 15 апрели соли 2024, № 216, ш. Душанбе**
**Дар бораи муовини директори Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъйин намудани Ҷалолзода Ф.М.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Ҷалолзода Фирдавс Маҳмадмурод муовини директори Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъйин карда шавад.

**Раиси Ҳукумати**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

Бахшида ба Рӯзи пойтахт

# ТАҶАЛЛИИ СИМОИ ДАВЛАТУ МИЛЛАТ



**Тоҷикон дар шаҳрсозию шаҳрдорӣ таҷрибаи ғанӣ дошта, барои дигар миллатҳо намунаи ибратанд. Дар ин бобат далелҳои таърихӣ зиёданд, вале бо мисол овардани намунаи барҷастаи он - шаҳри Душанбе иктифо менамоем.**

Шаҳри Душанбе чун пойтахти давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон ва маркази илму фарҳанги миллати куҳанбунёди тоҷик, боиси ифтихори хурду бузурги мамлакат буда, ҳамон тавре Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид карданд, «бурду бохти он на танҳо ба сокинони пойтахт, балки ба кулли мардуми кишвар тааллуқ дорад».

Ба шарофати таваҷҷуҳи хосаи Президенти мамлакат ва тадбирандешии бетаъхири Раиси ҷавони он муҳтарам Рустами Эмомалӣ шаҳри Душанбе имрӯз дорои шароити хуби инфрасохторӣ, биноҳои маъмурию истиқоматии бо санъати баланди меъморӣ бунёдгардида, макони ободонию сабзкорӣ, тозагию зебоӣ гардидааст.

Риояи маданияту назокатҳои шаҳрдорӣ идомаи мантиқии ин раванд буда, сокинони пойтахт барои тозаю озода намудани манзил, кӯчаю маҳали зист, эмин нигоҳ доштани инфрасохтор беш аз пеш фаъоланд, зеро мо, воқеан, миллати тамаддунсозу фарҳангӣ, ободгару шаҳрсоз ва шаҳрнишину шаҳрдор ҳастем.

Тавре Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид карданд: «Пойтахт симо ва оинаи давлату миллат буда, рафъи камбудиву мушкилоти мавҷуда ва ба ҷаҳониён ба таври арзанда муаррифӣ кардани он вазифаи на фақат мақомоти шаҳр, балки тамоми сохтору мақомоти давлатӣ, ҳамаи хизматчиёни давлатӣ ва шаҳрвандони Тоҷикистон мебошад».

Бо назардошти усули хоси роҳбарӣ, ташаббускорӣ, масъулиятшиносию покviҷдонӣ, дастовардҳои ноилгардида метавон гуфт, ки Раиси ҷавони шаҳр муҳтарам Рустами Эмомалӣ таҷаллибахши симои давлату миллат маҳсуб мешаванд. Ӯ дар ҳама зинаҳои фаъолият масъулиятшиносӣ, поквиҷдонӣ ва ташаббускориро меҳвар қарор дода, дар ин ҷода собитқадаманд.

Муҳтарам Рустами Эмомалӣ ба сифати дастпарвари мактаби Пешвои миллат аз имтиҳони ҷиддӣ гузашта, ба дастовардҳои беназир ноил гардиданд. Ин дастовардҳо сабаб шуданд, ки дар шаҳри Душанбе дигаргуниҳои куллӣ ба вуҷуд оянд.

### 31 ДАСТУРУ СУПОРИШ БА ШАҲРДОРИ 30-СОЛА

Соли 2017 мулоқоти Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо фаъолон ва масъулони соҳаҳои гуногуни шаҳри Душанбе баргузор шуд, ки он ҳамчун идомаи тадбирандешиҳо барои рушди устувори иқтисодию иҷтимоии шаҳри Душанбе барои дарёфти роҳҳои ҳалли мушкилоти мавҷудаи пойтахти мамлакат ва таҳияи нақшаю барномаҳои наву муосири таъминкунандаи пешрафту тараққиёти бемайлони он шароити созгор фароҳам овард.

Ҷанбаи муҳиме, ки зимни таҳлилу баррасӣ ва арзёбии масоили марбут ба шаҳри Душанбе то андозае аз мадди назари коршиносон дур мондааст, рамзу ҳикмати 31 дастуру супориши Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни мулоқоти мазкур ба шаҳрдори 30-сола муҳтарам Рустами Эмомалӣ аст. Аз ҷумла, бо мақсади беҳтар намудани шароити иқтисодию иҷтимоии аҳолии пойтахт, ташкили фаъолияти босамари сохторҳои давлатию хусусӣ, бунёди иншооти мухталиф, беҳтар намудани фаъолияти сармоягузорӣ ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ таҳия ва пешниҳод намудани «Барномаи рушди иқтисодиву иҷтимоии пойтахт барои давраи то соли 2025» зарур шуморида шуд.

Роҳбари давлат, ҳамчунин, масъулинро барои такмили Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи статуси пойтахти Ҷумҳурии Тоҷикистон» вазифадор ва таъкид карданд, ки дар ин санади меъёрии ҳуқуқӣ бояд хусусиятҳои идоракунии пойтахти мамлакат бо назардошти мувофиқати манфиатҳои сокинони пойтахт бо манфиатҳои умумидавлатӣ, асосҳои ҳуқуқии таъмини фаъолияти ташкилӣ, моддию техникӣ, молиявӣ ва дигар масъалаҳои пойтахт ба назар гирифта шавад.

Бо мақсади беҳтар кардани идоракунии маҳаллӣ, вазъи манзилҳои истиқоматӣ андешидани тадбирҳои зарурӣ доир ба татбиқи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нигоҳдории биноҳои бисёрхонагӣ ва ширкати соҳибмулкони манзил» ва «Дар бораи мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ» низ муҳим шуморида шуд.

Андешидани чораҳои зарурӣ барои ҷалби сармоягузориҳои дохилию хориҷӣ ба хотири рушди истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ, барқарорсозии иншооту дастгоҳҳои санитарию обтозакунӣ ва ислоҳоти низоми молиявию хоҷагидории Корхонаи воҳиди давлатии «Обу корези Душанбе», бунёди иншооти нав дар доираи Нақшаи генералии шаҳри Душанбе бо назардошти риояи талаботи санъати меъмории шаҳрсозӣ низ мадди назари Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қарор доштанд.

Як қисми ин дастуру супоришҳо ба сохтмони пул ва гузаргоҳҳои зеризаминӣ дар ҷойҳои серодам, ободу зебо гардонидани майдончаҳои варзиши кӯдакон ва ҷойҳои истироҳатӣ барои калонсолон, мақсаднок ба роҳ мондани фаъолияти муассисаю марказҳои варзиш, инчунин, танзими нархи хизматрасонӣ барои ҷавонон дахл дошт.

Муҳтарам Рустами Эмомалӣ ба Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои дастгирию таваҷҷуҳи пайваста миннатдорӣ карда, ваъда доданд, ки барои ободонию пешрафти пойтахти мамлакат бетаъхир тадбир меандешанд.

(Давомаш дар саҳ. 2)

# ТАШАККУЛИ МАКТАБИ ЗЕҲНГАРОЁНАИ ИДОРАКУНӢ ДАР СИЁСАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар доираҳои илмию идоракунӣ пешгӯӣ аз равандҳои ҷаҳони муосирро ба муддатҳои тӯлонӣ яке аз масъалаҳои мураккабу аксар маврид имконнопазир медонанд, зеро ба амалишавии ин равандҳо омилҳои гуногуну печида, ки дар бештари ҳолат аз камрангӣ ва ба хотири ҷузъӣ буданашон ба назарҳо нонамоён мемонанд, таъсири ҳалкунанда мерасонанд. Бинобар ин, барои ба воқеият наздик шудани ҳама гуна пешгӯию пешфарзҳо зарурати доштани диди фароху пуртаҷриба муҳим ба шумор меравад. Вобаста ба ин мавзуъ чанде пеш, аниқтараш охирҳои соли 2023-юм мутафаккири маъруфи муосири амрикоӣ Ҷон Миршаймер китоберо таҳти унвони «Давлатҳо чӣ тавр андешаронӣ мекунанд?» ба нашр расонид, ки аз ҷониби доираҳои илмию коршиносӣ хеле хуш пазируфта шуд. Асли андешаи Ҷ. Миршаймер дар ин асар аз он иборат аст, ки давлатҳо таҳти идораи лидерҳои фарохбину умқандеша ҳамеша рафтору амали худро борикбинонаю оқилона анҷом медиҳанд. Барои дарки ин масъала муҳаққиқро мебояд ба умқи фикру андешаҳои ин гуна шахсиятҳо бомулоҳиза фурӯ равад ва онро беғаразона ба риштаи таҳлилу тасвир баркашад. Ӯ барои исботи ин пешфарз, ки дар муқаддимаи асараш ишора кардааст, аз ҳодисаҳои марбут ба амалиёти вижаи ҳарбии Россия, берун кашидани неруҳои низомии амрикоӣ аз Афғонистон, танишҳои иқтисодию сиёсии миёни Чину олами Ғарб ва дигарҳо мисолҳои фаровони ҳаётӣ меорад. Дар байни омилҳои вобаста ба зуҳури ин ҳолатҳо Ҷон Миршаймер пайвастагии ногусастании онҳоро бо умқи андешаҳои шахсиятҳои сиёсие вобаста медонад, ки даст дар қабули қарорҳои ниҳоӣ доранд ва мавқеъгириашон аз чигунагии дар паҳлуи тарозуи ақлгароӣ баркашидани зарурияту оқибатҳои чунин иқдомҳо бармеоянд. Яъне, ӯ давлатҳоро ҳамчун вуҷудҳои зиндае меҳисобад, ки ҳамеша барои таъмини ҳолати устувори худ оқилона рафтор мекунанд ва бартарияти такя ба эҳсосу тасаввуроти носанҷида дар онҳо камтар мушоҳида мешавад.**

Бардошт аз ин равиши таҳлилӣ зимнан дар зеҳни мо як силсила мулоҳизаҳоро оид ба маҷмӯи иқдомҳои дар солҳои гуногун андешидаю дар амал татбиқнамудаи Пешвои миллат ба хотири пойдории ҳастии давлати Тоҷикистон зинда сохт, ки намунаҳои зиёди онҳо дар суханрониҳою мулоҳизаҳояшон оид ба масъалаҳои ҳаёти дохилии кишвар, минтақа ва ҷаҳон дарҷ гардидааст. Иқдому ҳидоятҳо барои зарурати ташкили низоми устувори давлатдории миллӣ, таъмини ваҳдати миллӣ, татбиқи ҳадафҳои стратегии рушди кишвар, таҳким бахшидани робитаҳо бо кишварҳои минтақаю олам, муаррифии Тоҷикистон ба ҷаҳониён тавассути ташаббусҳои глобалӣ ва ғайра аз ҷумлаи онҳоянд. Маҳз, дар заминаи ҳамин диду назарҳо иқтидори посухгӯии муносиб ба талаботи имрӯзаи инкишофи ҷомеа ба даст омада, эҳсоси ҳамшарикии мардум низ дар ташаккули робитаҳои бунёдии ҷамъиятӣ пурқувват гардид. Ин, воқеан ҳам, масъалаест, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон барои таъмину таҳкими пояи давлатдории миллии худ ба он таваҷҷуҳи бештар медиҳад.

Падидаҳои зикршуда гувоҳи онанд, ки имрӯз суръати ҳамдигарро пушти сар гузоштани ҳодисаҳои ҷамъиятӣ хеле афзоиш ёфта, онҳо баъзан имконияти сареъ ба даст овардани донишҳои муназзаму муътамадро оид ба тамоюлҳои рушди ҳаёти имрӯзаи ҷомеа маҳдудтар месозанд. Бинобар ҳамин ҳам, барои берун омадан аз чунин ҳолат зарурати ташаккули заминаҳои ифодаи системаноки вазъи кунунии инкишофи таърихии ҷомеаҳои муосир дар доираи мафҳуму категорияҳои нави илмӣ меафзояд.

Бо назардошти ин ва дигар масъалаҳои марбут ба таъмини заминаҳои ақлонии идоракунии равандҳои иҷтимоии имрӯза дар кулли ҷомеаҳои пешрафта таваҷҷуҳ ба дарки зарурати такя кардан ба маълумотҳои санҷидашуда ҳини ба танзим даровардани онҳо меафзояд ва омӯзиши онҳо густариш пайдо мекунад. Амалан ин раванд дар он таҷассум меёбад, ки имрӯз ҷомеаҳои пешрафтаи дунё бидуни омӯзиши пешакии ҷараёни ҳодисаҳои ҷамъиятӣ, ки аслан самти онҳоро манфиату арзишҳои аъзои ҷомеа муайян менамоянд, қабули қарорҳо ва пешбинию тарҳрезии самти инкишофашонро тасаввур намекунанд. Мушоҳидаи дарки чунин зарурат дар ҷомеаҳои мавқеи канорагириро аз равандҳои муосир интихобнамуда одатан мушкил аст, зеро муайян кардани равандҳои иҷтимоӣ дар онҳо сахт ба ҳисси нотавонии иродавӣ вобаста буда, таъсири афрод дар алоҳидагӣ ба ин ҷараёнҳо маҳдуд мегардад. Инро метавон чунин тафсир ҳам намуд, ки ташаккули муносибатҳои ҷамъиятиро дар ин маврид пайравӣ аз арзишҳои куллан рӯи урфу одат ва анъанаҳо асосёфта муайян менамоянд, на талоши баҳрабардорӣ аз паёмадҳо ва бартарафсозии тамоюлоти ногувори онҳо. Яъне, иктифои ҷомеаҳои муосир танҳо ба сатҳи муносиботи содаи анъанавӣ имкони ба танзим даровардани тартиботи иҷтимоиро пурра таъмин карда наметавонад. Ин шаҳодати он аст, ки ҷомеаҳои муосир бидуни омӯзиши пайвастаи равандҳои иҷтимоӣ наметавонанд идоракунии оқилонаи худро таъмин намоянд ва барои рушди босуботи ҷомеа заминаҳои воқеие, ки рӯи манфиату арзишҳои дар афкори умум таҷассумёбанда қарор дошта бошанд, муҳайё созанд.

Таҳдидҳои амниятие, ки имрӯзҳо дар гӯшаҳои гуногуни олам сар мезананд, зимнан ҷойгоҳи арзишҳои таҳаммулгароию фарҳангиро дар фазои равобити сиёсию иҷтимоӣ тангтар месозанд. Аз ин лиҳоз, Пешвои миллат ҳанӯз аз аввали солҳои 2000-ум зимни мушоҳидаю ҳадсзании борикбинонаи худ аз зуҳури коҳиши зарфияти эътимоди инсонҳо нисбат ба ҳамдигар, шикасти саросарии низоми зистмуҳитии бехатари иҷтимоии кишварҳои алоҳида бар асари талошҳои афзояндаи тақсими ҷаҳон, домангустарии ифротгароӣ ва хатарҳои вобаста ба тағйирёбии иқлим ҳамчун омилҳои асосии ин равандҳо ҳушдор дода буданд. Яъне, аз он замон то имрӯз ин таъкидҳо пайваста дар сатҳҳои гуногун аз ҷониби Пешвои миллат садо медоданд ва сол аз сол тобишҳои ба талаботи рушди ҷомеаи башарӣ муносибро касб мекарданд. Аз ин рӯ, мо барои исботи чунин қазоват дар ин ҷо бо истифода аз усули таҳқиқоти сотсиологии «таҳлили муҳтаво» андешаҳои мазкурро ба таври мухтасар марҳила ба марҳила мисол овардем, ки изҳори онҳо аз соли 2000 инҷониб ба таври пайваста оғоз меёбад:

«Аз касе пӯшида нест, ки баъди аз байн рафтани Иттиҳоди Шуравӣ тақсимбандии ҷаҳон аз нав шурӯъ гардид. Агар равшантар гӯем, талоши давлатҳои абарқудрат барои соҳиб шудан ба манбаъҳои бузурги ашёи хому сӯзишворӣ қувват гирифта истодааст». (Суханронӣ ба муносибати Рӯзи Конститутсия, prezident.tj/node/9643, 05.11.2000); «Имрӯз, дар ҳоле ки давлатҳои абарқудрат саргарми даъвоҳои бузургманишӣ ва салтанатҷӯйӣ ҳастанд, боиси таассуф аст, ки дар як қатор кишварҳо миллионҳо нафар аз гуруснагӣ, бехобӣ ва бемориҳои гуногун азоб мекашанд ва садҳо ҳазор одамон нобуд мешаванд».



**Хайриддин УСМОНЗОДА,**
**доктори илмҳои фалсафа, профессор, узви вобастаи АМИТ**



**Саидмурод ФАТТОҲЗОДА,**
**доктори илмҳои фалсафа, профессор**

(Давомаш дар саҳ. 3)

Иҷлосияи панҷуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум

# ТАСДИҚИ СОЗИШНОМАҲО БАРОИ СОХТМОНИ 53 МАКТАБИ НАВ

**Ҳабдаҳуми апрели соли 2024 таҳти раёсати Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадтоир Зокирзода ҷаласаи навбатии Иҷлосияи панҷуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум баргузор гардид.**



**РАИС: - Вакилони арҷманд!**

Хоҳиш мекунам, аз қайд гузаред.

Ҳоло дар толор 55 вакил ҳузур доранд.

Имкон шуд, ки ба кори ҷаласа шурӯъ намоем.

Чӣ гуна андешаҳо ҳаст? Нест.

Мутобиқи моддаи 34-и Қонуни конституционии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҷаласаи навбатии Иҷлосияи панҷуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашумро кушода эълон менамоям.

**Вакилони арҷманд, ҳозирини гиромӣ!**

Дар ҷаласаи имрӯза Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ - Намояндаи ваколатдори Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Зариф Ализода, муовини вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Юсуф Маҷидӣ, муовини вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Дилшод Сафарзода, муовини раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон Хуршедаи Қодир ва дигар шахсони даъватшуда иштирок доранд.

**РАИС: - Вакилони арҷманд, ҳозирини гиромӣ!**

Ба рӯзномаи ҷаласа чор масъала пешниҳод шудааст, ки нусхаи он дар дасти шумо ҳаст.

Доир ба рӯзнома таклифу пешниҳоди дигар ҳаст? Нест.

Хоҳишмандам нисбат ба рӯзнома мавқеатонро муайян намоед.

*Дар бораи рӯзномаи ҷаласа бо фарогирии масъалаҳои зерин Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардид:*

**1. Дар хусуси Созишномаи қарзӣ, Созишномаи гранти кумаки техникӣ, Созишномаи қолабӣ ва Созишномаи агентӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки исломии рушд вобаста ба Лоиҳаи муштараки «Дастгирии амалинамоии Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон» (марҳилаи II)**

**2. Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рамзҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

**3. Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи созишномаҳо оид ба тақсими маҳсулот»**

**4. Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила».**

**РАИС**: - Ба баррасии масъала «Дар хусуси Созишномаи қарзӣ, Созишномаи гранти кумаки техникӣ, Созишномаи қолабӣ ва Созишномаи агентӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки исломии рушд вобаста ба Лоиҳаи муштараки «Дастгирии амалинамоии Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон» (марҳилаи II) шурӯъ мекунем. Аз рӯи масъалаи мазкур сухан ба муовини вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷидӣ Юсуф Хайрулло дода мешавад. Марҳамат.

**Юсуф МАҶИДӢ:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Ба баррасии шумо Созишномаи қарзӣ, Созишномаи гранти кумаки техникӣ, Созишномаи қолабӣ ва Созишномаи агентӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки исломии рушд вобаста ба Лоиҳаи муштараки «Дастгирии амалинамоии Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон» (марҳилаи II) байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки исломии рушд», ки 30 - юми январи соли 2023 дар шаҳри Душанбе ба имзо расидааст, пешниҳод мегардад.

Лоиҳа барои дастгирии кӯшишҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар татбиқи Стратегияи миллии рушди маориф, ки таъмини таҳсилоти босифати фарогиру одилона ва пешбурди имкониятҳои омӯзиш барои ҳамаро дар бар мегирад, равона мегардад. Лоиҳа аз қисматҳои такмилдиҳии муҳити таълим тавассути сохтмони 53 мактаб ва муҷаҳҳазонидани онҳо бо мебели мувофиқ, инфрасохтори рақамӣ, таҷҳизоти лабораторӣ ва маводҳои таълимӣ (59,3 млн. доллар), баланд бардоштани сифат ва самаранокии хизматрасониҳои таълимӣ (16,5 млн. доллар), дастгирии татбиқи лоиҳа (2,57 млн. доллар), хизматрасонии аудити молиявӣ (0,05 млн. доллар) ва қисмати вокуниш ба ҳолати фавқулода (қисмати вокуниш ба ҳолати фавқулода, ки ҷузъи алоҳида бо арзиши сифрӣ мебошад, им-



кон медиҳад, ки захираҳои лоиҳа барои пӯшонидани фаъолиятҳои вокуниш ба ҳолати фавқулода дар ҳолати офатҳои табиӣ, пандемия, обхезии асосӣ ва ғайра истифода шаванд) иборат мебошад. Татбиқи лоиҳаи мазкур аз соли 2024 оғоз гардида, анҷоми он соли 2029 ба нақша гирифта шудааст.

Бо пешниҳоди маълумоти мазкур аз Шумо - муҳтарам Раис ва вакилони арҷманд бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки созишномаҳои пешниҳодгардидаро дастгирӣ намоед.

**РАИС:** - Сухани навбатӣ ба муовини раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба илм, маориф, фарҳанг ва сиёсати ҷавонон Парвина Маликзод дода мешавад. Марҳамат.

**Парвина МАЛИКЗОД:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Созишномаи қарзӣ, Созишномаи гранти кумаки техникӣ, Созишномаи қолабӣ ва Созишномаи агентӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки исломии рушд вобаста ба Лоиҳаи муштараки «Дастгирии амалинамоии Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷи-



кистон» (марҳилаи II), 30 - юми январи соли 2024 дар шаҳри Душанбе ба имзо расида, мутобиқи талаботи моддаи 12 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати тасдиқ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст. Созишномаи мазкур байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки исломии рушд ба ҳайси агенти шарикии глобалӣ дар соҳаи маориф баста шудааст, ки арзиши умумии лоиҳаи мазкур 86 миллион доллари ИМА - ро ташкил медиҳад. Лоиҳаи мазкур аз ҳисоби қарзи Бонки исломии рушд ба маблағи 45 миллион доллар, гранти Фонди шарикии глобалӣ дар соҳаи таҳсилот ба маблағи 25 миллион доллар ва қарзи Фонди ОПЕК ба маблағи 8 миллион доллари амрикоӣ маблағгузорӣ карда мешавад. Саҳми Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар он 8 миллион доллари амрикоиро ташкил медиҳад.

Лоиҳа барои дастгирии кӯшишҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар татбиқи Стратегияи миллии рушди маориф, ки таъмини таҳсилоти босифати фарогир ва одилона ва пешбурди имкониятҳои омӯзиш барои ҳамаро дар бар мегирад, равона карда шудааст. Ҳадафи лоиҳаи мазкур баланд бардоштани сифат ва самаранокии таълим, ислоҳоти барномаи таълимӣ дар асоси сифати таҳсилот, инчунин, ҷиҳати рушди касбии омӯзгорон дар такмили ихтисос ва бозомӯзии омӯзгорон иборат мебошад. Ба воситаи он сохтмони 53 муассисаи таълимӣ ва муҷаҳҳазгардонии онҳо бо таҷҳизоти зарурии таълимӣ, инфрасохтори рақамӣ, таҷҳизоти лабораторӣ ва маводҳои таълимӣ равона шудааст, ки хонандагон аз шароити муосири таълимӣ баҳра мегиранд.

Муқаррароти созишномаҳои мазкур бо шартномаҳои байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ буда, зарурати ба онҳо ворид намудани тағйиру иловаҳоро ба миён намеоварад.

Созишномаи мазкур дар асоси Қарори Шурои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12 - уми апрели соли 2024, № 2133 ба Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба илм, маориф, фарҳанг ва сиёсати ҷавонон, кумитаҳои дигари Маҷлиси намояндагон ва барои додани хулосаи ҳуқуқӣ ба раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон супорида шуда буд. Кумитаи масъул Созишномаи қарзӣ, Созишномаи гранти кумаки техникӣ, Созишномаи қолабӣ ва Созишномаи агентӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки исломии рушд вобаста ба Лоиҳаи муштараки «Дастгирии амалинамоии Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон» (марҳилаи II)-ро 15 - уми апрели соли 2024 дар ҷаласаи васеъ бо иштироки намояндагони кумитаҳои Маҷлиси намояндагон, вазоратҳои молия, маориф ва илм ва раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон мавриди баррасӣ ва муҳокима қарор дода, онро ҷонибдорӣ намуд. Созишномаи қарзии мазкур ба талаботи моддаи 57 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мухолифат надорад. Бинобар ин, аз шумо - вакилони муҳтарам бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки тасдиқи Созишномаи қарзӣ, Созишномаи гранти кумаки техникӣ, Созишномаи қолабӣ ва Созишномаи агентӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки исломии рушд вобаста ба Лоиҳаи муштараки «Дастгирии амалинамоии Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон» (марҳилаи II)-ро дастгирӣ намоед.

**РАИС:** - Ба маърӯзачӣ савол ҳаст? Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад? Нест.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар хусуси Созишномаи қарзӣ, Созишномаи гранти кумаки техникӣ, Созишномаи қолабӣ ва Созишномаи агентӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки исломии рушд вобаста ба Лоиҳаи муштараки «Дастгирии амалинамоии Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон» (марҳилаи II) ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**РАИС:** - Ба баррасии масъала «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рамзҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» оғоз менамоем. Сухан ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба сохтори давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ Муҳаммад Шодиён дода мешавад. Марҳамат.

**Муҳаммад ШОДИЁН:**



**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рамзҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» мутобиқи моддаи 58 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва моддаи 12 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи вазъи ҳуқуқии узви Маҷлиси миллӣ ва вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо истифода аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи узви Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М. Шукурзода ва вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М. Шерализода, М. Абдусаломзода К. Исмоилиён ва З. Гулаҳмадзода таҳия ва пешниҳод гардидааст. Лоиҳаи қонуни мазкур бо мақсади ба муқарраротии қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ», «Дар бораи забони давлатӣ», «Дар бораи танзими асъор ва назорати асъор» ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф мутобиқ намудани меъёрҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рамзҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», истифодаи дурусти истилоҳу мафҳумҳои ҷавобгӯи талаботи муосир, такмили механизмҳои татбиқи муқаррароти қонун, инчунин, бартараф намудани номутобиқатии байниҳамдигарии меъёрҳои танзимкунандаи ҳуқуқӣ таҳия шудааст. Тибқи лоиҳаи қонуни мазкур, муқаддимаи қонун дар таҳрири нав ифода гардида, дар иртибот ба ҳифз, эҳтиром ва муносибат ба рамзҳои давлатӣ моддаи нав илова ва ба моддаҳои 5, 6, 8, 10 тағйиру иловаҳо ворид карда шудааст. Лоиҳаи пешниҳодгардида бо Қарори Шурои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 - юми октябри соли 2023, №1873 ба Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба сохтори давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ барои баррасӣ, ба кумитаҳои дигари Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои додани хулоса ва ба раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои пешниҳоди хулосаи ҳуқуқӣ супорида шуда буд. Кумитаҳои Маҷлиси намояндагон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон лоиҳаи қонуни баррасишавандаро мавриди омӯзиш қарор дода, онро ҷонибдорӣ намуданд. Ҳамзамон, ҷиҳати такмили он дар маҷмӯъ 28 таклиф пешниҳод гардид, ки 22 таклиф қабул, 1 таклиф қисман қабул ва 5 таклифи дигар қабул нашуд. Лоиҳаи қонуни мазкур тамоми расмиёти ҳуқуқиро мутобиқ ба Дастури Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар кумитаҳои Маҷлиси намояндагон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва раёсатҳои дахлдори Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон гузашта, кумитаи масъул 9 – уми апрели соли ҷорӣ дар ҷаласаи васеъ бо иштироки намояндагони ҳамаи кумитаҳо, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таклифҳои пешниҳодгардидаро муҳокима намуда, бо дарназардошти таклифу пешниҳодҳо он такмил дода шуд.

Лоиҳаи қонуни мазкур ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ буда, амалишавии меъёрҳои он аз буҷети давлатӣ маблағи иловагиро талаб наменамояд. Бинобар ин, аз шумо - вакилони гиромӣ бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки онро ҷонибдорӣ намоед.

**РАИС:** - Ба маърӯзачӣ савол ҳаст? Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад? Нест.

*Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рамзҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба овоз монда шуда, қонун қабул гардид.*

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рамзҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**РАИС:** - Ба баррасии масъала «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи созишномаҳо оид ба тақсими маҳсулот» шурӯъ мекунем. Аз рӯи масъалаи мазкур сухан ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба энергетика, саноат, сохтмон ва коммуникатсия Комрон Исмоилиён дода мешавад. Марҳамат.

**Комрон ИСМОИЛИЁН:**



**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилон ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи созишномаҳо оид ба тақсими маҳсулот» тибқи талаботи моддаи 58 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М. Юсуфӣ, Б. Аҳмадзода ва К.Исмоилиён дар асоси нақшаи корӣ дар самти ташаббуси қонунгузорӣ, бо дарназардошти манфиатҳои давлатӣ ва бо мақсади ба муқарраротии қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ», «Дар бораи забони давлатӣ», «Дар бораи танзими асъор ва назорати асъор» ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи тандурустӣ, ҳифзи табиат ва сармоягузорӣ мутобиқ намудани меъёрҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи созишномаҳо оид ба тақсими маҳсулот» таҳия ва пешниҳод шудааст.

Бо қарори Шурои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи қонуни мазкур ба Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба энергетика, саноат, сохтмон ва коммуникатсия барои баррасӣ супорида шуда буд.

Тағйиру иловаҳои пешниҳодшуда хусусияти муайянкунанда, мутобиққунанда ва таҳририӣ дошта, баҳри бартараф намудани мухолифату норасоиҳои ҷойдошта, риояи имло, истифодаи истилоҳу иборaҳо мувофиқи услуби ягона, техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ ва мантиқи ҳуқуқӣ равона карда шудаанд.

Тибқи талаботи қисмҳои 1- 4 ва 15 лоиҳаи қонуни мазкур тағйиру иловаҳо имлоӣ, ки қонуни амалкунандаро ба талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатӣ» мутобиқ мекунад, пешниҳод карда мешаванд. Ҳамзамон, бо мақсади кам кардани миқдори талафоти технологии маъданҳои фоиданок, инчунин, пешгирӣ кардани оқибатҳои эҳтимолии манфии иҷтимоӣ-экологӣ бо қисми 5 лоиҳаи қонун ба моддаи 4 қонуни амалкунанда илова намудани сархати сеюм пешниҳод гардидааст. Инчунин, ҷиҳати амалӣ намудани тадбирҳо оид ба пешгирӣ ва рафъи оқибатҳои таъсири зараровари корҳои тибқи созишнома анҷомдодашуда, аз ифлосшавӣ тоза кардани ҳудуде, ки дар он корҳо тибқи созишнома анҷом дода шудаанд ва суғуртаи масъулият барои ҷуброни зарар дар ҳолати садама, ки ба муҳити зист ё ҳаёт ва саломатии кормандон таъсири зараровар расонида метавонад, бо қисми 9 лоиҳаи қонуни мазкур пешниҳод мегардад, ки ба моддаи 9 қонуни амалкунанда сархатҳои дуюм ва сеюм илова карда шаванд.

Бо қисмҳои 6-8, 10-14 ва 16-18 лоиҳаи қонуни мазкур қисмҳо ва ҷумлаю калимаҳои баъзе қисмҳои қонуни амалкунанда дар таҳрири нав пешниҳод гардида, онро ба муқарраротии кодексҳои маданӣ ва андоз, ба қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ», «Дар бораи сармоягузорӣ» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мутобиқ намуда, манфиатҳои мутавозуни сармоягузору давлат ба назар гирифта мешаванд.

Кумитаи масъул 4 - уми апрели соли равон дар ҷаласаи васеъ бо иштироки намояндагони ҳамаи кумитаҳо, раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон ва Ҳукумати мамлакат лоиҳаи қонуни мазкурро мавриди баррасӣ қарор дода, қабул намудани онро маъқул донист. Тағйиру иловаҳои воридгардида лоиҳаи қонунро мукаммал намуда, ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ», дигар санадҳои қонунгузорӣ мутобиқ гардонида шудааст ва қабули он аз буҷети давлатӣ маблағи иловагиро талаб наменамояд. Аз ин лиҳоз, аз шумо - вакилони гиромӣ бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки қабули лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи созишномаҳо оид ба тақсими маҳсулот»-ро ҷонибдорӣ намоед.

**РАИС:** - Сухани навбатӣ ба муовини раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон Хуршедаи Қодир дода мешавад. Марҳамат.

**Хуршедаи ҚОДИР:**



**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилон ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи созишномаҳо оид ба тақсими маҳсулот» баҳри бартараф намудани мухолифату норасоиҳои ҷойдошта, риояи имло, истифодаи истилоҳу иборaҳо мувофиқи услуби ягона, техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ ва мантиқи ҳуқуқӣ равона карда шудаанд. Бинобар ин, аз шумо - вакилони гиромӣ бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки барои қабули лоиҳаи қонуни мазкур овоз диҳед.

**РАИС:** - Ба маърӯзачӣ савол ҳаст? Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад? Нест.

*Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи созишномаҳо оид ба тақсими маҳсулот» ба овоз монда шуда, қонун қабул гардид.*

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи созишномаҳо оид ба тақсими маҳсулот» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**РАИС:** - Ба баррасии масъала «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила» оғоз менамоем. Аз рӯи масъалаи мазкур сухан ба муовини раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ, оила ва ҳифзи саломатӣ Гулбаҳор Ашӯрзода дода мешавад. Марҳамат.

**Гулбаҳор АШӮРЗОДА:**



**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилон ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила» бо истифода аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ мутобиқ ба талаботи моддаи 58 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М. Ватанзода, Д. Мансурӣ, Г. Ашӯрзода ва Б. Зиёӣ бо мақсади мутобиқ намудани он ба талаботи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» таҳия ва пешниҳод карда шудааст.

Таъмин намудани ҳифзи ҳуқуқҳои оилавӣ дар ҷомеаи мо зери диққати махсуси Ҳукумати мамлакат қарор дорад, вале то имрӯз оид ба ҳалли ин масъала муаммоҳои бисёре вуҷуд доранд. Дар ин замина, таҳия ва ба тасвиб расондани қонунҳои хусусияти иҷтимоидошта заминаи мусоидро фароҳам хоҳанд овард.

Лоиҳаи қонуни мазкур бо Қарори Шурои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17 - уми ноябри соли 2023, №1917 барои баррасӣ ба Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ, оила ва ҳифзи саломатӣ, барои додани хулосаи такрорӣ ба кумитаҳои дигари Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва барои пешниҳоди хулосаи ҳуқуқӣ ба раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон супорида шуда буд. Лоиҳаи қонуни мазкур тамоми расмиёти дохилиро мутобиқ ба талаботи Дастури Маҷлиси намояндагон гузашта, дар мувофиқа бо субъекти ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз 50 таклифи пешниҳодкардаи кумитаҳои Маҷлиси намояндагон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон 21-то қабул, 21-то қисман қабул ва 8 таклиф қабул нагардид.

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила» ба талаботи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мухолифат надорад. Аз ин лиҳоз, аз шумо - вакилони арҷманд хоҳиш менамоям, ки онро ҷонибдорӣ намоед.

**РАИС:** - Ба маърӯзачӣ савол ё пешниҳод ҳаст? Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад? Нест.

*Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила» ба овоз монда шуда, қонун қабул гардид.*

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**РАИС: - Вакилони муҳтарам, ҳозирини гиромӣ!**

Масъалаҳое, ки ба рӯзномаи ҷаласа пешбинӣ гардида буданд, баррасӣ шуданд. Доир ба рафти ҷаласа эроду пешниҳод ҳаст? Нест.

Барои иштироки фаъолонаатон изҳори миннатдорӣ намуда, ҷаласаро пӯшида эълон менамоям.

**Шариф АТОБУЛЛОЕВ, «Садои мардум».**
**Суратгир Неъматулло АЛИЕВ**

(Идома аз саҳ. 1)

**ҚАВЛУ АМАЛИ РУСТАМИ ЭМОМАЛӢ**

# ТАҶАЛЛИИ СИМОИ ДАВЛАТУ МИЛЛАТ

Бо гузашти вақти на он қадар зиёд муҳтарам Рустами Эмомалӣ, сарфи назар аз ҷавонӣ, дар ҷодаи сиёсат ба шарофати сармашқи кор қарор додани дастуру ҳидоят ва насиҳатҳои падаронаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҳама ҷанбаҳо комёб гардид. Маҳз, дар ин замина обрӯю эътибори муҳтарам Рустами Эмомалӣ афзуд ва дар ниҳоди сокинони мамлакат эътимоду боварӣ ба ӯ мустаҳкамтар гардид. 31 дастуру супориши Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба шаҳрдори 30-сола сари вақт ва дар сатҳи хубу сифати баланд иҷро гардиданд ва муҳтарам Рустами Эмомалӣ бо пиндору гуфтор ва рафтори намунавӣ дар қалби мардум маъво ёфт.

Имрӯз сокинони пойтахт мутмаин ва миннатдоранд, ки маҳз бо ибтикори роҳбари ҷавони шаҳр давра ба давра сохтмони инфрасохтори шаҳр, маҷмааҳои шаҳрофар, иншооти варзиш, биноҳои намоишӣ, боғҳои фарҳангию фароғатӣ ва майдонҳо мутобиқи Нақшаи генералии шаҳри Душанбе босуръат идома доранд.

Онҳо ифтихорманданд, ки дар солҳои роҳбарии муҳтарам Рустами Эмомалӣ истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ зиёда аз ду маротиба афзоиш ёфта, беш аз 300 корхонаи саноатӣ ба фаъолият оғоз кард. Усули хоси роҳбарии муҳтарам Рустами Эмомалӣ замина фароҳам овард, ки сохтмон ва сармоягузорӣ низ дар пойтахти мамлакат бесобиқа афзоиш ёбад ва дар ин муддат қариб 1000 иншоот бунёд гардад. Муҳимтар аз ҳама, 231 майдончаи варзишу фароғатии замонавӣ дар назди биноҳои истиқоматӣ бунёд гардид, ки мояи хушнудии кӯдакону наврасон ва сокинони шаҳр мебошанд.

Барои рафъи мушкилоти роҳҳои пойтахт зиёда аз 200 км навсозӣ ва таъмир гардида, бунёди эстакадаҳо оғоз гардид. Ғайр аз ин, навсозии роҳи Душанбе - Ваҳдат ба анҷом расида, дар доираи лоиҳаи «Беҳтар намудани ҳолати роҳи минтақавии Душанбе - Турсунзода» дар ҳудуди шаҳри Душанбе барқарорсозии қитъаи роҳ аз чорроҳаи хиёбони Абуалӣ ибни Сино то дарвозаи ғарбии шаҳри Душанбе тибқи меъёрҳои замонавӣ амалӣ шуд ва таҷдиди қитъаи роҳ аз бозори «Корвон» то шоҳроҳи Душанбе - Қӯрғонтеппа шурӯъ гардид.

Аз хотири сокинони пойтахт зудуда нашудааст, ки солҳои 90-уми асри гузашта шаҳри Душанбе маркази ноорромию бесуботӣ ва макони амалигардонии мақсадҳои ғаразноки душманони дохиливу хориҷӣ



гардида, шаҳр рисолаташро ҳамчун пойтахти мамлакат, гум карда буд, зеро сохторҳои идоракунии давлат пурра фалаҷ гардида, тамоюли марказгурезӣ авҷ гирифт. Сокинони шаҳри Душанбе он рӯзҳои вазнину фоҷиабор аз тарси ҷони худ ва аҳли оилаашон ҳатто ба кӯчаҳои шаҳри хеш ва ба ҷойи корашон баромада наметавонистанд.

Сокинони сарбаланди шаҳр ҳоло ифтихорманданд, ки Душанбе ба даҳгонаи шаҳрҳои беҳтарин аз рӯи таъмини амнияти шабона ворид аст.

Дар ин давра бо роҳбарии муҳтарам Рустами Эмомалӣ истеҳсоли маҳсулоти саноатии пойтахт дар соҳаи коркард, аз ҷумла нассоҷӣ, дӯзандагӣ, чарм, маснуот ва пойафзол 102,5 фоиз, коркарди чӯбу тахта ва истеҳсоли маҳсулот аз чӯб, фаъолияти табъу нашр ва коғаз 123,2 фоиз, истеҳсоли маҳсулоти фарматсевтӣ 2,6 маротиба, металлургӣ ва маснуоти тайёри филизӣ 1,8 маротиба, таҷҳизоти барқӣ 1,9 маротиба ва истеҳсоли воситаҳои нақлиёт 141,1 фоиз афзуд.

Маҷмӯи маҳсулоти минтақавӣ дар ин давра ба 30 миллиард сомонӣ баробар гардида, суръати афзоиш ҳамасола 108,1 фоиз ва саҳми он дар Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ беш 20 фоизро ташкил дод. Тӯли солҳои охир ба шаҳри Душанбе зиёда аз 3 миллиард доллари ИМА сармояи хориҷӣ ҷалб карда шуд, ки қисмати аъзами онро сармояи мустақим ташкил медиҳад.

Дар ин давра хизматрасонии нақлиёти шаҳрӣ беҳбуд ёфта, дар пойтахти мамлакат истеҳсоли автобус ва электроавтобус роҳандозӣ гардид.

Бидуни муболиға метавон гуфт, ки бо сарварии муҳтарам Рустами Эмомалӣ рушду такомули пойтахт, аз ҷумла соҳаи маориф, бардавом ва дар сатҳи хубу сифати баланд аст. Номбурда бо меҳвар қарор додани суханони Пешвои миллат: «Бунёди миллати мутамаддин аз маориф оғоз мeёбад», ба дастовардҳои бешумор ноил шуданд, ки дар таърихи пойтахти мамлакат назир надоранд.

Қобили мулоҳиза ва арзандаи ситоиш аст, ки солҳои охир дар олимпиадаҳо муҳассилини пойтахт зиёда 1000 ҷойи ифтихориро соҳиб шуда, дар ҷумҳурӣ пешсафиро ҳифз намуданд.

Шаҳрвандон сипосгузоранд, ки роҳандозии низоми муосири иттилоотӣ тавассути «Барномаи электронии eDonish» дар муассисаҳои таҳсилоти умумии шаҳри Душанбе низ самараи таваҷҷуҳи хосаи Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ мебошад. Муҳим он аст, ки барномаи мазкур пурра ройгон буда, ҳамаи хароҷот вобаста ба татбиқи он бо дастгирии муҳтарам Рустами Эмомалӣ аз ҷониби Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе пардохт шудааст.

Баргузории фестивалу чорабиниҳои сатҳи баланди ҷумҳуриявию байналмилалии «Наврӯзи Душанбе», «Оби Душанбе», «Наврӯзи Душанбе - меҳвари робитаҳои фарҳангию сайёҳӣ», «Душанбе - шаҳри имконоти рушди кӯдакон», «Шукуфаҳои пойтахт» ва мусобиқаҳои варзишии сатҳи баланд, ки бо ташаббуси муҳтарам Рустами Эмомалӣ барои муаррифии шоистаи кишвар ва ҷалби бештари сайёҳон амалӣ гардиданд, ҳоҷат ба шарҳу тавзеҳ надоранд.

Хулосаи ниҳоӣ ин аст, ки қавлу амали муҳтарам Рустами Эмомалӣ як аст. Дар ин замина ибтикори зарурӣ амалӣ ва мушкилоти мавҷуда бартараф шуда, пойтахти мамлакат беш аз пеш рушд кард. Шаҳри Душанбе мақому рисолати худ - таҷаллии симои давлату миллатро дарёфт. Анҷом додани чунин корҳои азими созандагию бунёдкорӣ дар давраи начандон зиёди роҳбарии муҳтарам Рустами Эмомалӣ тамаддунсозу соҳибфарҳанг ва созандаю бунёдкор будани миллати тоҷикро бори дигар собит намуд.

**Далер АБДУЛЛО, «Садои мардум»**

**БА ТАВАҶҶУҲИ ПУДРАТЧИЁН ВА МОЛРАСОНҲО!**

# ДАЪВАТНОМАИ ИШТИРОК ДАР ОЗМУНИ ХАРИД

**Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - мақомоти ваколатдор) ва ташкилотҳои харидор довталабони салоҳиятдорро барои иштирок дар озмунҳои хариди номгӯйи зерини мол, кор ва хизматрасонӣ, ки дар як давр гузаронда мешаванд, даъват менамоянд:**

| т/р | № ДИО | Ташкилоти харидор | Мавзуи харид | Усули харид | Навъи харид | Миқдори номгӯй | Санаи анҷоми қабули дархостҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 421287 | КВД Бонки амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон «Амонатбонк» | Таъмири капиталии бинои филиали №05 КВД БА ҶТ «Амонатбонк» дар ноҳияи И.Сомонии шаҳри Душанбе, кӯчаи Ҳ. Шерозӣ 13 | Озмуни кушод | Кор | 1 | 22.04.2024 17:05:00 |
| 2 | 421302 | Муассисаи давлатии «Назорати ҳолати мелиоративии заминҳо ва истифодаи оби АБЗ ва О» | Барқарорсозии канали дараи Нӯшори ноҳияи Тоҷикобод | Озмуни кушод | Кор | 1 | 25.04.2024 09:10:00 |
| 3 | 421338 | Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Идома додани сохтмони бинои маъмурии Кумитаи идораи замин ва КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар ноҳияи Ховалинги вилояти Хатлон | Озмуни кушод | Кор | 1 | 25.04.2024 13:40:00 |
| 4 | 421280 | Муассисаи давлатии «Хонаи кӯдакони №1»-и шаҳри Душанбе | Молҳои нарм, пойафзоли кӯдакона ва плёнкаҳои полиэтиленӣ | Озмуни кушод | Мол | 9 | 03.05.2024 15:37:10 |
| 5 | 421282 | Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №15-и ноҳияи Дӯстӣ | Сохтмони панҷараҳои оҳании саҳни муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №15-и ноҳияи Дӯстӣ | Озмуни кушод | Кор | 1 | 03.05.2024 15:50:20 |
| 6 | 421283 | Маркази ёрии таъҷилии ноҳияи Ҷайҳун | Азнавсозии бинои Маркази ёрии таъҷилӣ дар ноҳияи Ҷайҳун | Озмуни кушод | Кор | 1 | 03.05.2024 15:55:20 |
| 7 | 421281 | Муассисаи давлатии «Маркази саломатии шаҳрии 8»-и шаҳри Душанбе | Мебел, таҷҳизот ва асбобҳои тиббӣ | Озмуни кушод | Мол | 13 | 03.05.2024 16:00:00 |
| 8 | 421285 | Раёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии вилояти Суғд | Хӯрокворӣ | Озмуни кушод | Мол | 10 | 03.05.2024 16:05:05 |
| 9 | 421264 | Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Консервҳои гӯштӣ | Озмуни кушод | Мол | 1 | 03.05.2024 16:10:00 |
| 10 | 421267 | Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Тухмии сабзавот ва нуриҳои минералӣ | Озмуни кушод | Мол | 34 | 03.05.2024 16:10:00 |
| 11 | 421301 | Муассисаи таҳсилоти томактабии №1-и ноҳияи Панҷ | Хӯрокворӣ | Озмуни кушод | Мол | 26 | 06.05.2024 08:30:40 |
| 12 | 421303 | Литсейи давлатии № 1-и шаҳри Бохтар | Азнавсозии роҳравҳо дар ҳудуди Литсейи давлатии №1-и шаҳри Бохтар | Озмуни кушод | Кор | 1 | 06.05.2024 08:35:40 |
| 13 | 421305 | Муассисаҳои кумаки аввалияи тиббӣ - санитарии ноҳияи Ҷ. Балхии вилояти Хатлон | Таҳияи лоиҳаи кории иншооти «Сохтмони бинои нави Маркази тибби оилавӣ дар шаҳраки Балх» | Озмуни кушод | Хизмат-расонӣ | 1 | 06.05.2024 08:45:35 |
| 14 | 421304 | Муассисаи давлатии таълими томактабии «Ширхоргоҳ-кӯдакистони №20»-и шаҳри Хуҷанд | Хӯрокворӣ | Озмуни кушод | Мол | 6 | 06.05.2024 08:45:45 |
| 15 | 421300 | Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Мебелҳои идоравӣ | Озмуни кушод | Мол | 7 | 06.05.2024 09:00:00 |
| 16 | 421307 | Муассисаи давлатии таълими томактабии №14-и шаҳри Конибодом | Хӯрокворӣ | Озмуни кушод | Мол | 37 | 06.05.2024 09:00:00 |
| 17 | 421309 | Муассисаи давлатии «Мактаби махсуси кӯдакону наврасон оид ба теннис» | Тӯби теннис | Озмуни кушод | Мол | 1 | 06.05.2024 09:15:44 |
| 18 | 421306 | Муассисаи давлатии «Китобхонаи миллии Тоҷикистон» | Термоголовкаи чопкунӣ, штатив, камераи конфронсӣ, гӯшмонакҳо ва микрофонҳои консолӣ | Озмуни кушод | Мол | 5 | 06.05.2024 09:20:00 |
| 19 | 421312 | Муассисаи таҳсилоти томактабии №1-и шаҳри Ғончии ноҳияи Деваштич | Хӯрокворӣ | Озмуни кушод | Мол | 33 | 06.05.2024 09:35:35 |
| 20 | 421315 | Шуъбаи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Исфара | Сохтмони бинои истиқоматии хизматии 45 ҳуҷрадор барои мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар шаҳри Исфара (идомаи корҳо) | Озмуни кушод | Кор | 1 | 06.05.2024 09:47:47 |
| 21 | 421317 | Кумитаи бехатарии озуқаворӣ назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Заҳрхимикатҳо | Озмуни кушод | Мол | 1 | 06.05.2024 10:00:00 |
| 22 | 421286 | Муассисаи давлатии «Маркази тиббии шаҳрии №1-и ба номи К.Ахмедов» | Хӯрокворӣ ва молҳои канселярӣ | Озмуни кушод | Мол | 43 | 06.05.2024 10:04:05 |
| 23 | 421320 | Муассисаи давлатии «Беморхонаи клиникии шаҳрии бемориҳои сироятӣ»-и шаҳри Душанбе | Гузаронидани системаи гармидиҳӣ дар бинои муассиса | Озмуни кушод | Кор | 1 | 06.05.2024 10:10:00 |
| 24 | 421318 | Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Хӯрокворӣ | Озмуни кушод | Мол | 8 | 06.05.2024 10:10:43 |
| 25 | 421319 | Муассисаи давлатии «Истироҳатгоҳи табобатии собиқадорони ҷангу меҳнати «Ромит»-и шаҳри Ваҳдат» | Таъмири ҷории ҳоҷатхонаҳои муассиса | Озмуни кушод | Кор | 1 | 06.05.2024 10:30:00 |
| 26 | 421323 | Муассисаи давлатии тандурустии «Маркази солимгардонӣ ва барқарорсозии саломатии маъюбон ва иштирокчиёни Ҷанги Бузурги Ватанӣ» | Хӯрокворӣ | Озмуни кушод | Мол | 52 | 06.05.2024 10:40:00 |
| 27 | 421325 | Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон | Таъмири намои бинои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон | Озмуни кушод | Кор | 1 | 06.05.2024 10:40:00 |
| 28 | 421288 | Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Хӯрокворӣ | Озмуни кушод | Мол | 4 | 06.05.2024 10:45:00 |
| 29 | 421327 | Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №71-и ноҳияи Шоҳмансур | Таъмири ҷории бинои муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №71-и ноҳияи Шоҳмансур | Озмуни кушод | Кор | 1 | 06.05.2024 10:50:00 |
| 30 | 421324 | Муассисаи давлатии таълимии томактабии «Ширхоргоҳ-кӯдакистони №67-и ноҳияи Шоҳмансур» | Хӯрокворӣ | Озмуни кушод | Мол | 25 | 06.05.2024 10:50:38 |
| 31 | 421326 | Муассисаи давлатии «Осорхонаи миллии Тоҷикистон» | Молҳои канселярӣ, хоҷагӣ, барқӣ, сантехникӣ, картриҷҳо, таҷҳизоти оташнишонӣ, монитор-киоск, техникаи идоравӣ ва таҷҳизоти тақвияти овоз | Озмуни кушод | Мол | 42 | 06.05.2024 10:55:00 |
| 32 | 421314 | Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон | Таъмири ҷории бинои ошхонаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон | Озмуни кушод | Кор | 1 | 06.05.2024 11:00:54 |
| 33 | 421328 | Муассисаи давлатии «Нигоҳдории боғу гулгаштҳо, майдончаҳои варзишӣ ва бозии кӯдакон»-и Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Фирдавсӣ | Мотовелосипеди сечарха барои партовбарорӣ, либоси махсуси корӣ ва молҳои канселярӣ | Озмуни кушод | Мол | 6 | 06.05.2024 11:30:29 |
| 34 | 421293 | Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Таъмири ҳуҷраи серверӣ ва барқарор намудани хати барқии эҳтиётӣ барои фаъолияти бефосилавии Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Озмуни кушод | Кор | 1 | 06.05.2024 11:40:00 |
| 35 | 421330 | Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Телевизор | Озмуни кушод | Мол | 1 | 06.05.2024 11:40:40 |
| 36 | 421331 | Беморхонаи ноҳиявии №3-и Ҷамоати деҳоти Ҳайдар Усмони ноҳияи Б. Ғафуров | Доруворӣ ва лавозимоти тиббӣ | Озмуни кушод | Мол | 19 | 06.05.2024 11:40:40 |
| 37 | 421316 | Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Барқи Тоҷик» | «Лоиҳакашии сохтмони анбори нигоҳдории маводу таҷҳизот дар МБГ-2» | Озмуни кушод | Хизмат-расонӣ | 1 | 06.05.2024 11:42:39 |
| 38 | 421329 | Муассисаи давлатии «Маҷмааи таълимию таҷрибавии кори иҷтимоӣ ва инноватсияҳо» | Ангиштсанг | Озмуни кушод | Мол | 1 | 06.05.2024 11:55:00 |
| 39 | 421295 | Муассисаи давлатии «Мудирияти минтақаи зериобшавандаи НБО-и Роғун» | Таҷҳизоти идоравӣ | Озмуни кушод | Мол | 5 | 06.05.2024 12:10:00 |
| 40 | 421332 | Муассисаи давлатии «Маркази саломатии шаҳрии 8»-и шаҳри Душанбе | Таҷҳизоти маишӣ, идоравӣ ва лавозимот барои оташхомӯшкунӣ | Озмуни кушод | Мол | 6 | 06.05.2024 12:38:41 |
| 41 | 421333 | Муассисаи давлатии «Истифодабарии роҳҳои ноҳияи Синои шаҳри Душанбе» | Шинаҳои автомобилӣ, аккумуляторҳо ва қисмҳои эҳтиётии автомобилӣ | Озмуни кушод | Мол | 13 | 06.05.2024 12:50:03 |
| 42 | 421334 | Шуъбаи минтақавии Бонки миллии Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд | Маводи хоҷагидорӣ, шустушӯӣ, электрикӣ, сантехникӣ, доруҳои минералӣ, қисмҳои эҳтиётии автомашина ва маводи равғанкорӣ | Озмуни кушод | Мол | 169 | 06.05.2024 13:10:00 |
| 43 | 421335 | Муассисаи давлатии нигоҳдории роҳҳои автомобилгарди шаҳри Ҳисор | Муҳаррик барои автогрейдер | Озмуни кушод | Мол | 1 | 06.05.2024 13:12:33 |
| 44 | 421336 | Муассисаи давлатии таълимии «Литсейи №4 барои хонандагони болаёқати шаҳри Душанбе» | Корҳои таъмирӣ дар бинои муассиса | Озмуни кушод | Кор | 1 | 06.05.2024 13:20:00 |
| 45 | 421337 | Корхонаи воҳиди давлатии «Заводи протезию ортопедӣ»-и шаҳри Душанбе | Маҳсулот ва дастгоҳҳои протезӣ | Озмуни кушод | Мол | 71 | 06.05.2024 13:30:00 |
| 46 | 421340 | Муассисаи давлатии тандурустии «Маркази клиникавии дермато-венерологии вилояти Суғд» | Реактивҳо, тестҳо ва лавозимоти тиббӣ | Озмуни кушод | Мол | 24 | 06.05.2024 13:34:34 |
| 47 | 421343 | Муассисаи таълимии давлатии «Гимназияи №13-и ба номи М. Горкий» | Таъмири намои бинои Муассисаи давлатии таълимии «Гимназияи №13-и ба номи М. Горкий»-и шаҳри Хуҷанд | Озмуни кушод | Кор | 1 | 06.05.2024 13:39:09 |
| 48 | 421344 | Муассисаи давлатии «Хона-интернати пиронсолон ва маъюбон дар шаҳри Панҷакент» | Таъмири бинои истиқоматии бошандагони Муассисаи давлатии «Хона-интернати пиронсолон ва маъюбон дар шаҳри Панҷакент» | Озмуни кушод | Кор | 1 | 06.05.2024 13:44:30 |
| 49 | 421339 | Корхонаи воҳиди давлатии «Заводи протезию ортопедӣ»-и шаҳри Душанбе | Маҳсулот барои истеҳсоли пойафзоли ортопедӣ | Озмуни кушод | Мол | 32 | 06.05.2024 13:50:00 |
| 50 | 421345 | Корхонаи фаръии сохтмони асосӣ ва таъмири Корхонаи воҳиди давлатии «Хоҷагии манзилию коммуналӣ» | Сохтмони шабакаҳои канализатсионии шаҳраки Совети ноҳияи Темурмалик | Озмуни кушод | Кор | 1 | 06.05.2024 13:50:00 |
| 51 | 421347 | Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии илмии хун» дар шаҳри Душанбе | Парма кардани чоҳи амудӣ дар чуқурии 170 метр дар ФМД «Маркази ҷумҳуриявии илмии хун» дар шаҳри Кӯлоб | Озмуни кушод | Кор | 1 | 06.05.2024 13:50:00 |
| 52 | 421341 | Корхонаи воҳиди давлатии «Заводи протезию ортопедӣ»-и шаҳри Душанбе | Таҷҳизоти барқарорсозӣ | Озмуни кушод | Мол | 20 | 06.05.2024 14:00:00 |
| 53 | 421346 | Муассисаи таълими томактабии «Ширхоргоҳ-кӯдакистони №16»-и шаҳри Хуҷанд | Хӯрокворӣ, моеи шустушӯӣ, молҳои хоҷагидорӣ ва дафтардорӣ | Озмуни кушод | Мол | 80 | 06.05.2024 14:15:00 |
| 54 | 421349 | Муассисаи давлатии «Маркази миллии тиббии Ҷумҳурии Тоҷикистон - Шифобахш» | Варақаҳои тиббӣ, журналҳои бақайдгирӣ ва молҳои хоҷагидорӣ | Озмуни кушод | Мол | 16 | 06.05.2024 14:30:17 |
| 55 | 421351 | Муассисаи давлатии «Кохи Истиқлол»-и Маҷмӯи меҳмонхонаҳои Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон | Молҳои хоҷагидорӣ, ниҳолҳои гул ва нуриҳои минералӣ | Озмуни кушод | Мол | 10 | 06.05.2024 14:35:00 |
| 56 | 421296 | Муассисаи таълими томактабии «Ширхоргоҳ-кӯдакистони №18-и ноҳияи Б.Ғафуров» | Хӯрокворӣ | Озмуни кушод | Мол | 26 | 06.05.2024 15:20:00 |
| 57 | 421313 | Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Барқи Тоҷик» | Компютер, манбаи эҳтиётӣ (УПС) ва принтерҳо барои эҳтиёҷоти ҶСК «Барқи Тоҷик» | Озмуни кушод | Мол | 3 | 06.05.2024 15:39:17 |
| 58 | 421297 | Маркази саломатии шаҳри Исфара | Мебел, штатив, ширма, ТБФ ва компютер | Озмуни кушод | Мол | 12 | 06.05.2024 16:30:00 |
| 59 | 421298 | Муассисаи давлатии таълимии «Коллеҷи оташнишонӣ-техникии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ноҳияи Данғара» | Хӯрокворӣ | Озмуни кушод | Мол | 21 | 07.05.2024 07:35:13 |
| 60 | 421299 | Муассисаи давлатии «Мактаб-интернати ҷумҳуриявии кӯдакони ятими шаҳри Кӯлоб» дар вилояти Хатлон | Таъмири асосии бинои Муассисаи давлатии «Мактаб-интернати ҷумҳуриявии кӯдакони ятими шаҳри Кӯлоб» дар вилояти Хатлон | Озмуни кушод | Кор | 1 | 07.05.2024 07:39:11 |
| 61 | 421310 | Ташкилоти ҷамъиятии клуби футболи «Равшан»-и Кӯлоб | Таъмири асосӣ ва азнавсозии варзишгоҳи шаҳри Кӯлоб | Озмуни кушод | Кор | 1 | 07.05.2024 09:33:40 |

Озмунҳои харид дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон **https://eprocurement.gov.tj** баргузор мегарданд.

Довталабон барои иштирок дар озмунҳо бояд дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шаванд. Бақайдгирӣ ройгон анҷом дода шуда, довталабон метавонанд барои кумак барои бақайдгирӣ ва иштирок дар озмунҳо ба Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портал муроҷиат намоянд.

Довталабоне, ки хоҳиши дар озмун иштирок кардан доранд, баъди супоридани ҳаққи бебозгашт тавассути филиалҳои КВД БА ҶТ «Амонатбонк» ё барномаи мобилии «Амонатмобайл», ҳуҷҷатҳои тендерии худро бояд то вақти дар сутуни **«Сана ва вақти кушодани лифофаҳо»** муайяншуда пешниҳод намоянд. Муҳлати муқарраршуда муҳлатест, ки баъди анҷоми вақт аз довталабон пешниҳодот қабул карда намешавад.

**Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Шота Руставелӣ - 22.**

Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон: 446000304.

Конститутсия - кафолати рушди ҷомеаи демократӣ ва волоияти қонун

Садои мардум

Муассис:
Маҷлиси Олии
Ҷумҳурии Тоҷикистон

САРМУҲАРРИР
Бахтовар КАРИМЗОДА

Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод» чоп шудааст.

ИНДЕКСИ ОБУНА 68852

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:
*Абдухолиқ Мирзоев,*
*Далер Абдулло,*
*Ориф Ёдгоров,*
*Сайфиддин Суннатов,*
*Шариф Атобуллоев,*
*Фарзона Файзалиева,*
*Фарҳунда Абдулҳакимова.*

**НИШОНИИ МО:** шаҳри Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ 16. **ТЕЛЕФОНҲО:** қабулгоҳ 238-53-71; Сармуҳаррир факс 221-36-04; муовини якум, роҳбари шабакаи мухбирони махсус 238-53-56; муовин 238-54-52; котибот 238-59-32; муҳаррири шуъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва ҳуқуқ 238-58-95; муҳаррири шуъбаи иқтисодиёт ва сиёсати иҷтимоӣ 238-58-91; шуъбаи фарҳанг, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва регламент 238-58-93; муҳаррири шуъбаи мактубҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа 238-52-97; муҳосибот 238-53-49; шуъбаи обуна, қабули эълонҳо ва техникӣ 238-54-57; хабарнигорон дар ВМКБ 93-355-51-03, 93-458-65-69; вилояти Хатлон 919-67-88-78, 985-82-81-97; вилояти Суғд 92-773-28-76, 92-771-76-72, 93-535-06-66; ШНТҶ - 000-03-03-80, 918-68-40-17.
**МО ДАР ШАБАКАИ ИНТЕРНЕТ:** www.sadoimardum. tj **ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО:** sadoimardum@yandex.ru

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ маводе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз чор саҳифа, бо шрифти 14, Times New Roman Tj, интервали 1,5 зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пасгардонида намешавад.

*Ба чопаш 17 апрели соли 2024, соати 16:30 иҷозат дода шуд. Адади нашр 35060 нусха*

Навбатдорони шумора Ш. Атобуллоев ва Р. Ҳабибов

Тарроҳони компютерӣ Т. Қурбонов ва Ф. Таушаров

Рӯзномаи «Садои мардум» 30-юми октябри соли 2022 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 332/РЗ 97